**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 назди**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 13.03.2024, №9

Барои сазовор донистани Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми декабри соли 2022, таҳти №308ш/д) аз 20-уми декабри соли 2023, суратмаҷлиси №7 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзоева Махтовбӣ Мустафоевна 25-уми феврали соли 1958 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1978 Институти давлатии педагогии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии шаҳри Кӯлоб (ҳозира Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ)-ро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Солҳои 1978-1995 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Кӯлоб кору фаъолият намудааст. Аз соли 1995 фаъолияти меҳнатиашро дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оғоз намуда, то соли 2015 ба ҳайси муаллими калони кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, ҷонишини декан оид ба корҳои таълими факултети филологияи тоҷик ва журналистика, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Аз соли 2015 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи адабиёти тоҷик ба таҳқиқи кори илмӣ машғул гардидааст. Айни ҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович**.

**Муқарризони расмӣ: Қосимзода Солеҳ Салим** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, **Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович** – номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа - номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт Н.С.Шамсов, эксперт – доктори илмҳои филологӣ Л.М. Давлатбеков, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ш.Э. Боев имзо гардида, бо имзоюю муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ж.Б. Гулназарзода тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Мирзоева Маҳтобӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» ба талаботи бандҳои 31, 33, ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 13 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5-тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Мирзоева М.М. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода (Муҳаббат нисбат ба зодгоҳ на муҳаббатест кӯчак) [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2016. №4/1 (195). – С.186-190.

[2-М]. Мирзоева М. М. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода (Ҳастии Ватан ҳаёту пайванди ман аст) [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе: Сино, 2016. №4/2 (199). – С.201-205.

[3-М]. Мирзоева М. М. Шоире бо шеъри баландпарвоз (Бахшида ба 75-солагии Ғоиб Сафарзода) [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе: Сино, 2016. №4/3 (203). – С.194-205.

[4-М]. Мирзоева М. М. Нақши қофия ва радиф дар ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе, 2022. №1 (203). – С.205-210.

[5-М]. Мирзоева М. М. Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба

номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (бахши илмҳои филология). – Душанбе, 2023. – №1 (30) – С.25-32.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар илмӣ:**

[6-М]. Мирзоева М. М. Мавзуи васфи баҳору наврӯз дар ашъори Ғоиб Сафарзода (Бахшида ба 70-солагии ДДК) [Матн] /М.М. Мирзоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ). – Кӯлоб, 2015. №2 (13). – С.287-292.

[7-М]. Мирзоева М. М. Ғоиб Сафарзода шоир, тарҷумон ва рӯзноманигори равшанбаён» [Матн] /М.М. Мирзоева //Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон. Маҷмуаи илмӣ (2) бахшида ба 70 – солагии донишгоҳ. – Кӯлоб, 2015. – С. 497-500.

[8-М]. Мирзоева М. М. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Маҳсули андеша (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2015. – С.34-39.

[9-М]. Мирзоева М. М. Ситоиши зан-модар ва зан-маҳбуба дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Промэкспо, 2016. №2 (15). – С.172-178.

[10-М]. Мирзоева М. М. Бозтоби масъалаҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80 – солагии Саидҷон Ҳакимзода. – Душанбе: Промэкспо, 2019. – С.183-190.

[11-М]. Мирзоева М. М. Жанрҳои ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Международная научного-практическая конференция. Сборник докладов. – Душанбе: РТСУ, 2019. – С.551-557.

[12-М]. Мирзоева М. М. Ғоиб Сафарзода рӯзномнигор [Матн] /М.М. Мирзоева //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 75 – солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2020. – С.143-145.

[13-М]. Мирзоева М. М. Фаъолияти публитсистии Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Масъалаҳои рушди публитсистика ва методикаи таълими журналистикаи муосир» бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Кӯлоб, 2020. – С.74-80.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илми филология, профессор, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Нуров Нуралӣ Норович** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ба назари муқарриз, пажӯҳиши Мирзоева Маҳтовбӣ яке аз дастовардҳои муҳимми адабиётшиносии муосир буда, арзиши баланди илмию амалӣ дорад. Ҳамзамон, дар ин тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

- тарзи навишти баъзе калимаҳо бояд ҳамгун карда шавад. Аз ҷумла, дар ду шакл навиштани калимаи «кӯтоҳ» (саҳ.18); «кутоҳ» (саҳ.20) қобили қабул нест. Дар ҳоле ки шакли аввали навишт бояд идома дар ҳама маврид риоят шавад;

- дар банди панҷуми хулоса аломати баён гузшта нашудааст (саҳ.20);

- баъзе калимаҳои мураккаб дар бархе саҳифаҳои авторефоерат ҷудо навишта шудаанд. Масалан «Панду насиҳатӣ» (саҳ.22).

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Холов Хол Раджабович** низ мусбат буда, дар он автtoреферат ва диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта маънидод гардида, дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

- ноҷо ба кор бурдани вожаи «наздикӣ» дар матн (саҳ.19);

- дар намунаи дар вазни ҳазаҷи мусаммани солим овардашуда, дар мисраи «Ба рӯи рӯди кӯҳӣ гӯё гирдоб меояд», рукни сеюм вазн ғалат дорад (саҳ.16);

- ғалатҳои имлоӣ низ дар баъзе саҳифаҳо дида мешавад (саҳ.3, 12, 13, 23).

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ **Ҳикматов Ҷумабой Ҳакимович** низ мусбат буда, диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбиро кори илмии анҷомёфта меҳисобад ва дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

- истифодаи нодурусти вожаи «нишондиҳанда» дар матн (саҳ.7);

- сарфи назар кардани аломати вергул (саҳ.8, 13, 18);

- нишон надодани саҳифаи иқтибос дар поварақ (саҳ.19).

**4. Дар тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент **Ғаффоров Мизроб Ҷалилович** таҳқиқоти унвонҷӯ аз нигоҳи илмӣ пурарзиш мурарифӣ гардида, ҳамзамон, чунин эродҳо баён гардидаанд:

- бо ҳарфи ӯ навиштани калимаи «тул», ҳол он ки ин калима тибқи меъёри имлои нави забони тоҷикӣ дар шкли мазкур бо ҳарфи у навишта мешавад (саҳ.3);

- дар ҳолати пайват омадани аломати «-» (саҳ.12, 13, 14, 15, 16, 17);

- бемарид ба кор рафтани вожаи «тозагӣ» (саҳ.19).

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- унвонҷӯ Мирзоева Маҳтовбӣ дар асоси маъхазҳои адабӣ, осори таҳқиқӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидани зиндагинома, мероси адабӣ ва фаъолиятҳои адабии Ғоиб Сафарзода **мушаххас намудааст;**

- диссертант омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи мухтавои осори адабии шоирро бо назардошти сунату навгӯиҳои адабиёти муосири тоҷик, ба вижа назми солҳои 60-70-уми садаи XX **муайян карда шудааст;**

- ба таҳқиқ гирифтани ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода дар асоси меъёрҳои сухансанҷии классикӣ ва муосир аз ҷониби Мирзоева Маҳтовбӣ **таҳқиқу баррасӣ гардидааст;**

- мушаххас намудани вижагиҳои забонӣ ва сабкии ашъори шоир дар робита ба тамоюлоти сохторию адабии замони адиб **собит гардидааст.**

**Арзишҳои назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масоили назарии дар бобу фаслҳои диссертатсия матраҳшуда, барои возеҳ сохтани масъалаҳои шарҳи ҳол, фаъолияти эҷодӣ ва мероси адабии шоир (заминаҳои ташаккулёбии шахсияти адиб, равобити адабию маънавии адибони замони шоир, фаъолияти публитсисӣ ва тарҷумонӣ, осори таълифии шоир ва таснифи жанрҳои онҳо), муҳтавои ашъори Ғоиб Сафарзода (тавсифи мавзуъҳои меҳварии ашъори адиб, васфи модар ва гиромидошти он, тарануми ватан ва дӯст доштани он дар эҷодиёт, тасвири баҳору Наврӯз ва табиати диёр дар ашъор, бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъори адиб), ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода (корбурди ҳунармандонаи вазн, ҳунари қофияоройӣ, нақши радиф, ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ, забон ва сабки нигориши шоир) ва тафовуту умумиятҳои он ба ашъори давраи нави адабиёти тоҷик аз ҳар ҷиҳат мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд,** ки натиҷа ва маводи таҳқиқӣ метавонад, барои мутахассисони риштаҳои мухталифи илми адабиётшиносӣ судманд бошад. Маводи рисола ва хулосаҳои бадастовардаи муаллифро дар вақти навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, дар навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани лексияҳо аз таърихи адабиёти муосир, махсусан, пажуҳандагони риштаи таърихи адабиёт ва шеъри муосири тоҷик аз он баҳра мебардоранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия дар он ифода мегардад**, ки масъалаи мазкур бо таҳлилу баррасиҳои назарӣ ва амалӣ, таҳлил ва муқобалаи илмӣ таъмин гардида, дар асоси принсипу методҳои муайяну мушаххаси пажӯҳишӣ маводи фаровони марбут ба мавзуъ, бо сохтори мураттабу пайдарпайю бонизоми ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ фароҳам омадаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимодноки натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коракади натиҷаҳои таҳқиқ, таъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он зоҳир гаштааст, ки рӯзгор ва осори адабии Ғоиб Сафарзода нахустин бор ба таври муназзаму мураттабу яклухту фарогиру ҳаматарафа таҳқиқ гардидааст. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф бо ҷамъи гузоришу ҷусторҳояш инчунин таҳияи куллиёти ҷадиди адиб шомили дастовардҳои вай мебошанд. Баррасӣ ва натиҷагириҳои илмии маводи таҳқиқӣ, масъалагузориҳои назарӣ ва хулосабарориҳои илмӣ натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ мебошад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 13 марти соли 2024 дар бораи сазовор донистани Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 - нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022, №308/шд), аз ҷумла 4 - нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11, нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Салихов Ш.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Қурбонзода Р.Қ.

13.03.2024